# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, к. Шевченко 69. Тел: (992 372) 21 18 35 факс: (992 372) 21 75 25.

## ФАРМОИШ

аз “04” 10 соли 2019, №742 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани
Номгӯи моддаҳое, ки истифодаи
онҳо ба сифати ҷузъи таркибӣ (ингредиент)
ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти тамоку манъ аст

Дар асоси қисми 9 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» аз 2 январи соли 2018 таҳти №1484 ва мутобиқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Номгӯи моддаҳое, ки истифодаи онҳо ба сифати ҷузъи таркибӣ (ингридиент) ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти тамоку манъ аст тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Муқаррар карда шавад, ки набудани ҷузъҳои таркибӣ (ингридиентҳо) дар маҳсулоти тамоку, ки истифодаи онҳо тибқи номгӯ иҷозат дода нашудааст, маҳсулоти тамокуро бехатар намегардонад.

3. Ба сардори Раёсати амнияти санитарию эпидемиологӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмаки фаврии тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки:

- фармоиши мазкурро тибқи тартиби муқаррargардида, ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;
- дар якҷоягӣ бо директори Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки ҷиҳати таъмини риояи талаботи тасдиқгардида доир ба гузаронидани корҳои ташкилию фаҳмондадиҳӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Ба директори Маркази матбуоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки

ДАФТАРИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАҚАМИ 990
«5» 11 соли 19

фармоиши мазкурро тибқи тартиби муқарраргардида баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ дар сомонаи вазорат ҷойгир намояд.

6. Ба сардори Шӯъбаи назорат, коргузорӣ ва корҳои махсуси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шавад, ки фармоиши мазкурро бо теъдоди зарурӣ нусхабардорӣ намуда, ба муассисаҳо ва ташкилотҳои дахлдори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи рӯйхат дастрас намояд.

7. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир, сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Вазир Н. Олимзода

...И ҶУМҲУРИИ
...ИКИСТОН
...СТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
...А ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 990
"5" 11 с.20 19

**Мувофиқа карда шуд:**

Муовини вазир М. Камолзода

Мудири бахши котибот 04.10.2019с. О. Аминов

Сардори Шӯъбаи ҳуқуқ Ш. Рабиев

Сардори Шӯъбаи назорат А. Замунов

**Иҷрокунанда.**
Сардори Раёсати амнияти санитарию эпидемиологӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва кӯмаки фаврии тиббӣ С.Воҳидов